Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Х. Б. дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология

Адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла осори манзуми он, дар нимаи дувуми садаи XX аз лиҳози лафзу маънӣ куллан тағйиру такмил ёфт. Ҷустуҷӯҳои пайгиронаи Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат ва баъдтар Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор, Ҳақназар Ғоиб, Мастон Шералӣ барин шоирон ба шеъри тоҷик рангу бӯйи тоза ва ҷанбаи амиқи ҳунарию иҷтимоӣ бахшид. Ва яке аз шоироне, ки дар солҳои 60-80-уми садаи XX ва ибтидои садаи XX1 ҳам дар жанрҳои суннатӣ, чун ғазал, маснавӣ, мусаммат, тарҷеот, рубоӣ, дубайтӣ ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ, чун чаҳорпора, шеъри озод ё нимоӣ, шеъри сафед, басо нодиракориҳо намуда, бо ашъори лирикии худ дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамолики Шарқ маълуму машҳур гардид, Лоиқ Шералӣ буд.

Дуруст аст, ки эҷодиёти пурмуҳтаво, арзишманд ва гуногунпаҳлуи Л. Шералӣ аз тарафи суханварон, адабиётшиносон ва мунаққидони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор ғирифтааст, вале унвонҷӯ Раҳимов Х. Б. ба як қисмати камомӯхта ва ниҳоят зарурии ашъори шоир дахл карда, мақоми адибро дар назми давраи нави тоҷик амиқу равшан муайян намудааст.

Унвонҷӯ, чи хеле ки аз мундаричаи автореферати диссертатсия бармеояд, дар се боб ва панҷ фасли диссертатсия дар хусуси коргоҳ ва давраҳои эҷодиёт, ҷустуҷӯҳои пайгирона, диди эстетикӣ ва иҷтимоии Лоиқ Шералӣ, хусусиятҳои мавзӯиву жанрӣ ва рӯҳи милливу байналмилалии ашъори адиб ва ҷанбаи ҳунариву сабки фардии эҷодкор муфассал ва асоснок сухан меронад.

Аз нигоҳи унвонҷӯ, услуби фардии Ш. Лоиқ ба тарзе сурат гирифтааст, ки шоир ба кадом мавзӯе даст занад, ба ақлу шуури хонанда таъсир расонда, ӯро ба дарки фалсафаи зиндагӣ ва ҳақиқати воқеӣ ҳидоят менамояд: «Шеърҳои дар васфи модар, Ватан, миллат, инсон навиштааш, афкори ҳикамиаш низ мавриди қабули хосу ом буданд ва тарзи идрок ва инъикоси ин мавзӯъҳо омили асосии нуфузи шеъри шоир дар зеҳнияти мардум ва муҳити адабӣ буд» (с.17).

Тамоюли вижае, ки дар шеъри солҳои 60-80-уми тоҷик роҳандозӣ шуд, ин шеъри худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ буд. Унвонҷӯ ин падидаро дар шеъри тоҷик вобаста ба шароитҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ ба таҳқиқ

гирифта, дар ин самт мавқеи муайянкунандагӣ доштани шеъри Л. Шералиро таъкид мекунал.

Тавре аз автореферат бармеояд, дар боби сеюми диссертатсия ҷустуҷӯҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ ба таҳқиқ омадааст. Унвонҷӯ тозакориҳои шоирро ҳам дар шеърҳои озод (шеъри нимоӣ) ва ҳам дар шеърҳои сафеди шоир ба мушоҳида гирифтааст. Дар шеъри Лоиқ тасвир рӯҳи тоза гирифт, бештар ҷанбаи халқӣ ва миллӣ пайдо кард, ба дараҷае ки қалбу рӯҳи хонандаро ботамом тасхир намуд. Дар автореферат пайдарпайии фикр ва услуби илмии баён басо амиқу дақиқ риоя шудааст.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе носаҳеҳӣ ва костагиҳо ба назар расид: 1. Раҳимов Х. Б. шеъри «Хоки Ватан»-и Лоикро таҳлил карда, «Тоҷикистон» ном шеъри Бозор Собирро як навъ пайравӣ ба шеъри Лоиқ медонад, ки ин андеша баҳснок аст. Дар ин хусус дар саҳифаи маҷаллаи «Садои Шарқ» миёни адабиётшиносон Ю. Акбарзода ва Ҷ. Саидов баҳси тӯлоние ба вуқуъ пайваста буд, ки унвонҷӯ онро ба эътибор нагирифтааст.

2. Баъзан ишораҳои адабиёти илмии матни автореферат ба рақамҳои тартибии китобнома мувофиқат надорад. Масалан, дар охири иқтибоси саҳ.17 рақами тартибӣ ва саҳифаи маъхаз чунин ишора шудааст: (18, 453). Рақамҳои тартибии Адабиёти истифодашуда бошад, аз 1 то 17-ро фаро мегиранд.

3. Дар автореферат баъзе галатҳои имлоиву техникӣ, чун Мӯъмин (ба ҷои Муъмин), сууол (ба ҷои суол), ба назар мерасад.

Вале ин галатҳои ҷузъӣ қимати илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» кори илмии баанҷомрасида буда, муаллифи он барҳақ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Кӯчаров А., узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои филология, профессори ДМТ

имзои / подпись
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо подпись)